**Донишгоҳи Осиёи Марказӣ** (UCA) соли 2000 ҳамчун як донишгоҳи хусусӣ, ғайритиҷоратӣ ва дунявӣ таъсис ёфтааст. Ин донишгоҳ дар асоси Шартномаи байналмилалӣ, ки аз ҷониби президентҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ва марҳум Волоҳазрат Оқохони IV ба имзо расидааст, таъсис ёфта, онро парлумонҳои ҳар се кишвар тасдиқ намудаанд ва дар Созмони Милали Муттаҳид ба қайд гирифта шудааст. Ҳадафи ДОМ ин аст, ки рушди иҷтимоиву иқтисодии Осиёи Марказӣ, бахусус, ҷамоатҳои кӯҳии онро тавассути анҷом додани таҳқиқоти сатҳи ҷаҳонӣ ва пешниҳоди таҳсили олӣ дар сатҳи байналмилалӣ дастгирӣ намояд. Мақсад аз ин ҳама - беҳтар кардани зиндагӣ ва рӯзгори мардум дар минтақа, аз ҷумла, тавассути арҷгузорӣ ва ҳифзи мероси ғании фарҳангии Осиёи Марказӣ мебошад.

**Мактаби олии рушди** (GSD): GSD як мактаби таҳқиқоти рушд мебошад, ки ба омӯзиш ва таҳқиқоти бисёрсоҳа дар бораи минтақаҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ машғул аст- он ҷо, ки ҷамоатҳо, иқтисодҳо ва муҳит зери таъсири тағйирёбии босуръати иқлим қарор доранд. Ин мактаб се маркази асосии илмӣ дорад: илмҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ; илмҳои муҳити зист ва иқлим; ва фарҳангшиносӣ. Онҳо дар якҷоягӣ муҳимтарин монеаҳои рушди устувори Осиёи Марказиро таҳлил ва баррасӣ намуда, бо таваҷҷуҳи хосса ба мушкилоте, ки аз тағйирёбии иқлим ба миён меоянд, онро ҳал мекунанд.

**Пажуҳишгоҳи ҷомеаҳои кӯҳӣ** (MSRI): Пажуҳишгоҳи ҷомеаҳои кӯҳӣ, ки зери идораву роҳбарии Мактаби олии рушд фаъолият мекунанд, дониши илмиро барои омӯзиши равандҳо ва ҳамкориҳои рӯйи замин ва муҳити зист, ки ба ҷомеаҳои кӯҳӣ таъсир мерасонанд, истифода мебарад. MSRI дар кампуси ДОМ дар Хоруғ (Тоҷикистон), инчунин дар Бишкек ва Душанбе фаъолият дорад. Кормандони MSRI инчунин бо Барномаи таҳсилоти зинаи бакалаврии ДОМ дар соҳаи илмҳои замин ва муҳити зист ҳамкорӣ мекунанду дар рушди барномаҳои таҳсилоти идоракунӣ ва пас аз диплом (магистратура ва боло) фаъолона ширкат меварзанд.

**Дафтари Ҳамкории Швейтсария (SDC) дар Тоҷикистон**
Дар чаҳорчӯби Барномаи ҳамкорӣ барои Осиёи Марказӣ (солҳои 2022-2025) Ҳукумати Швейтсария бо дастгирии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демократӣ, пешбурди равиши фарогир ва минтақавӣ дар соҳаи мураккаби идоракунии обҳои фаромарзӣ, таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва пешбурди идоракунии самарабахш диққати махсус медиҳад. Маълумоти бештар: wwww.eda.admin.ch/tajikistan.

## Дар ҳифз кардани бодоми талхак бо мо ҳамроҳ шавед!

**Шумо чӣ гуна метавонед кумак кунед:**

- Ҳимояту дастгирӣ аз тарҳҳои муҳофизатӣ
- Густариши огоҳӣ аз намудҳои дар ҳолати хатари нестшавӣ қарордошта
- Пешбурди таҷрибаҳо ва равишҳои пойдори истифодаи замин



## Иттилоот барои тамос:

**Азиз Алӣ Хон,**
Ходими илмӣ, Институти Таҳқиқоти Ҷомеаҳои Кӯҳистонӣ, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ
azizali.khan@ucentralasia.org

**Рамзия Мамадназарова**
Мудири иртиботот, Дафтари Ҳамкории Швейтсария, Душанбе, Тоҷикистон
ramziya.mamadnazarova@ed.admin.ch

www.ucentralasia.org

@ucentralasia

Салби масъулият: Масъулияти муҳтавои ин нашрия сирфан бар уҳдаи нависанда (гон) аст. Назароти баёншуда мунъакискунанда мавзеи расмии Дафтари Ҳамкориҳои Суис дар Тоҷикистон (Давлати Суис) нест.

© UCAMSRI 05/2025







# Ҳифзи гуногунии биологии гиёҳон барои наслҳои оянда

## Бодоми талхак

Switzerland.

UNIVERSITY OF CENTRAL ASIA

KULOB BOTANIC GARDEN

# Бодоми талхак

*(Amygdalus bucharica)*

**Таснифот (таксономия):**

- **Номи илмӣ:** *Amygdalus bucharica*
- **Оила:** Настаранихо (Rosaceae)
- **Номи муқаррарӣ:** Бодоми талхак
- **Муродифҳо (синонимҳо):** Бодоми бухороӣ *(Prunus bucharica)*

**Тавсиф:**

- **Хосият:** Бутта ё дарахти кӯчакиростқомати мисли чатри кушода, бо шохаҳои ғунчадор ва баргрез, ки баландии он маъмулан аз се то даҳ метрро ташкил медиҳад.
- **Баргҳо:** Баргҳои дандонадори сабзи рӯшан ва найзашакли он дар оғоз ва миёнаи фасли баҳор месабзанд.
- **Гулҳо:** Гулҳои барчаста ва намоёни он пеш аз пайдошавии баргҳо шукуфта, дорои панҷ гулбарги рангашон сафед ё гулобӣ ҳастанд.
- **Мева:** Донаи кӯчак ва хушки он дорои пӯстлохи сахт буда, ба далели мавҷудияти амигдалин мазааш талх аст.

**Паҳншавӣ:**

- **Паҳншавии ҷуғрофӣ:** Ин намуд хоси Осиёи Марказӣ буда, асосан дар манотиқи марзии Тоҷикистону Узбекистон зиёд вомехӯрад.
- **Баландӣ аз сатҳи баҳр:** 800-2500 метр.
- **Макони зист:** Дар нишебиҳои хушк ва санглох, нимбиёбонҳо ва буттазорҳои кӯҳистонӣ мерӯяд.

**Нақши экологӣ:**

- **Гардолудшавӣ:** Тавре ки маълум аст, ин бутта ё дарахт асосан, тавассути занбӯрҳо ва дигар ҳашароти гардолудкунанда гардолуд мешавад.
- **Паҳншавии тухм:** Тухм ё донаи ин растанӣ маъмулан тавассути парандагон ва ҳайвоноти хурди ширхӯр паҳн мешавад.
- **Алоқамандӣ:** Маъмулан, бо писта ва фарк (Acer turkestanicum) ва ҳамчунин бо дӯлона (Crataegus spp.) алоқамандӣ дорад.

**Ҳолати ҳифз:**

Бодоми талх *(Amygdalus bucharica)* ба Китоби сурхи Тоҷикистон шомил нашудааст. Дарвоқеъ, он ахиран мавриди арзёбӣ ва пажуҳиш қарор гирифта, соли 2007 ба Феҳристи Сурхи намудҳои таҳти хатари Иттиҳодияи Байналмилалии Ҳифзи Табиат (IUCN) шомил шуда, бо таваҷҷуҳ ба харобшавии муҳити зист ва истифодаи беш аз ҳадди манбаъҳои табиӣ ҳамчун як намуди "осебпазир" ном бурда шуд.

**Иқдомоти анҷомшуда барои ҳифозат:**

Ҳифозат дар муҳити зист аз тариқи беҳбуд бахшидани зистгоҳ, назорат кардани чаронидани ҳайвонот ва буридани дарахтон тавассути ҷомеа анҷом дода мешавад. Муҳофизат намудан берун аз муҳити зист ба воситаи парвариш кардани дарахтон дар ниҳолхонаҳо ва Боғи ботаникии Кӯлоб ва паҳн кардани онҳо дар миёни аҳли ҷомеа сурат мегирад.

**Хусусиятҳои кимиёвӣ:**

Дар тухмиҳо миқдори хеле зиёди амигдалин мушоҳида мешавад, ки боиси гидролиз ва ҳосил шудани кислотаи сионид мегардад.

**Соҳаи имконпазири татбиқ:**

Усораҳо (экстрактҳо)-и ҷамъшуда метавонанд дорои моддаҳое бошанд, ки моҳияти пестисидӣ (хосияти кушандагии ҳашароти зараррасон) доранд ва дар ин маврид бояд таҳқиқоти бештар анҷом шавад.

**Таҳдидҳо:**

- Аз байн рафтани муҳити зист ба далели ҷангалбурӣ ва густариши кишоварзӣ
- Ҷамъоварии беш аз ҳадди мева ва чӯб
- Тағйири иқлим, ки ба минтақаҳои рушди он таъсир мерасонад
- Чарондани аз ҳад зиёди чорво
- Маҳдудияти барқароршавии табиӣ

**Ниёзҳои пажуҳишӣ:**

- Барои тағйири генетикӣ дар парвариши бодом чӣ имконоте вуҷуд доранд?
- Таҳқиқоте, ки фаъолиятҳои намудҳоро дар экосистемҳои хушк шарҳу тавзеҳ медиҳад.

**Истифодабарӣ**

**Истифодабарии анъанавӣ:**

- Истифодабарандагон ба хотири хосияти давоии ин растанӣ аз он ба унвони доруворӣ истифода мекунанд; аммо он бояд қабл аз истифода аз таксинҳо тоза карда шавад.
- Аз он барои сохтани теъдоди маҳдуди ҷиҳози хона (мебел) ва ҳамчунин маводи сӯхт истифода мешавад.
- Иқтидорӣ иқтисодӣ: Бодомҳо ба хушкӣ тобовар буда, аз он равған ва маводи генетикӣ ба даст оварда мешавад.

**Аҳаммияти фарҳангӣ:**

Дарахтони бодом дар аввали баҳор мешукуфад ва онҳоро рамзи эҳё ва ҳаёти нав мешуморанд. Дарахтоне, ки шукуфта гул мекунанд аз оғози баҳор ва зиндагии нав мужда медиҳанд. Дарахти бодом дар фарҳангҳои маҳаллӣ ба хотири равғанаш, ки барои дармон ва давоҳои бемориҳои гуногун ба кор бурда мешавад, маъмул гаштааст.

**Морфология:**

- **Сохти реша:** Системаи решаи азим, сахт ва чуқур дошта, қобилияти бисёр хуби мутобиқат ба хушксолӣ дорад.
- **Пӯсти тана:** Пӯсташ тунук, ноҳамвор ва ранги хокистарӣ-қаҳваранг буда, бо синну соли калонтар дурушт мешавад.
- **Гардолудшавӣ**: Авҷи шукуфоӣ ё гулкунӣ дар оғози баҳор, маъмулан дар моҳҳои март-апрел мушоҳида мешавад.
- **Давраи мевадиҳӣ:** Тобистон, махсусан моҳҳои июл-август.
- **Афзоиш:** Усулҳои вегетативӣ барои парвариш имконпазиранд, аммо афзоиш асосан тавассути тухмҳо анҷом дода мешавад.

**Кӯшишҳои давомдор оид ба ҳифз:**

- Муҳофизат дар боғҳои ботаникӣ ва минтақаҳои ҳифзшаванда
- Барномаҳои ҷамъоварии тухмӣ ва афзоиши бодом
- Лоиҳаҳои муҳофизатӣ дар сатҳи ҷомеа